**Такриз**

**ба автореферати кори диссертатсионии Садирова С.С. дар мавзуи «Таъсири гардолудкунандаҳо ба пайдошавии унсурҳои ҳосил дар дурагаҳои гетерозисии пахта дар шароити водии Вахши Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05.- селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ**

Соҳаи пахтакорӣ яке аз соҳаҳои асосии муҳими иқтисодии ҷумҳурӣ ба ҳисоб рафта, ҳадафҳои асосии он таъмини амнияти озуқаворӣи мамлакат, рушди соҳаи саноат, баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволӣ ва ба кор таъмин намудани мардуми деҳот мебошад. Аз ҳамин лиҳоз Садирова С.С. барои ба даст овардани тухмии дурагаҳои гетерозисии дохилинамудӣ ва байнинамудии пахтаро тавассути гардолудкунӣ бо истифода аз оилаҳои занбӯри асал ба роҳ мондааст.

Муаллиф навгонии корҳои илмии таҳқиқотии солҳои 2015-2018-ро бори аввал дар шароити ҷумҳурӣ дар киштзори пахта барои гирифтани тухмиҳои гетерозисӣ бо истифода аз усулҳои мухталиф аз ҷумла оилаи занбӯри асалро дар гардолудкунии дохилинамудӣ ва байнинамудии навъҳои пахта истифода намуда, самаранокии иқтисодии занбӯргардолудкуниро дар истеҳсоли тухмиҳои гетерозисӣ муайян ва баҳогузорӣ намудааст.

Унвонҷӯ ҳосилнокии навъҳои волидайниро дар алоҳидагӣ ва дурагаҳоро дар муқоиса бо волидайн мавриди омӯзиш қарор додааст, ки ҳосилнокии пахта дар шаклҳои волидайни аз 29,7 с/га дар навъи Зироаткор-64 то 38,0 с/га дар навъи 9326-В тағйир ёфтааст. Дар ҳамаи комбинатсияҳои дурагавӣ афзоиши ҳосил таъмин карда шуда, танҳо аз ҳисоби дурагакунӣ фарқият аз навъи модарӣ дар ҷуфтикунонии Суғдиён-2 х Сорбон аз занбӯргардолудкунӣ ба +2,5 с/га камтарин афзоиши ҳосил ва дар варианти ҷуфтикунонии Зироаткор-64 х 750-В аз гардолудкунии дастӣ то 23,1 с/га бештарин нишондиҳандаи қувваи гетерозис ба қайд гирифта шудааст. Фарқияти афзоиши ҳосили дурагаҳо аз сарнасли падарӣ бошад дар варианти Суғдиён-2 х Сорбон аз +2,4 с/га ва дар варианти Зироаткор-64 х 750-В ба 15,4 с/га баробар гардидааст, ки ин натиҷаи беҳтарин ҳисобида мешавад, ки фарқияти ниҳоии қатъӣ ба 3,54% баробар шудааст.

Дар баробари ин бартариятҳо дар автореферати кори диссертатсионӣ баъзе камбудиҳо ва нуқсонҳои техникӣ низ ҷой дорад:

Дар матни автореферат баъзе хатогиҳои имлоӣ ва услубӣ, ки ба осонӣ ислоҳшаванда ҷой доранд (саҳ. 16,38,39).

Камбудиҳои ҷойдошта ба мазмун ва муҳтавои кор таъсир намерасонад.

Кори пешниҳодгардида, барои гирифтани тухмиҳои гибридҳои гетерозисии пахта ба анҷом расида ба ҳисоб рафта дар он масъалаи ҷиддӣ соҳа гирд оварда шуда ба натиҷаҳои хуби илмӣ Садирова С.С. мувофиқ гардидааст, ки он ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи диссертатсия арзандаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мебошад.

Ходими калони илмии шуъбаи
селексия ва тухмипарварии
филиали Институти зироаткорӣ
дар вилояти Хатлон номзади
илмҳои кишоварзӣ Сангинов Абдуҷалил
E – mail FIziroatkor-Khatlon@mail.ru
Тел: 919-54-08-20

Имзои А.Сангинов-ро
тасдиқ менамоям
мудири шуъбаи кадрҳо Баротов И.
«17» 03 2023

Суроға: индекс Ҷумҳурии Тоҷикистон
вилояти Хатлон ш. Бохар кӯчаи
А. Қаҳоров №67